**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

# ФАРМОИШ

аз 18.09 2020с., № 732 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи рӯйхати
тақсимоти хатмкардагони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли
таҳсили 2019-2020

Бо мақсади тайёр намудани кадрҳои тиббӣ дар зинаҳои интернатураи клиникӣ, ординатура (резидентура) ва магистратура аз рӯи ихтисосҳои афзалиятдошта, мутобиқи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 –уми октябри соли 2009, №600 «Дар бораи тасдиқи Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010-2020», бахри ба марҳилаи интернатураи клиникӣ сафарбар намудани хатмкардагони соли таҳсили 2019-2020-и факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

## Ф А Р М О И Ш М Е Д И Ҳ А М:

1. Рӯйхати замимагардидаи тақсимоти хатмкардагони соли таҳсили 2019-2020 факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замимаи 1 ва 2).
2. Назорати фаъолияти интернаҳо ба зиммаи ректорони Муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (Гулзода М.Қ.) «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Муҳиддин Н.Д.) гузошта шавад.
3. Сардорони Раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Музаффаров Ф.), вилояти Хатлон (Раҷабзода М.), вилояти Суғд (Мақсудзода Ф.), шаҳри Душанбе (Шарифзода Х.), сартабибони Беморхонаҳои марказӣ ва муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фармоиши мазкурро мавриди амал қарор диҳанд.
4. Бо мақсади босифат ва мақсаднок гузаштани марҳилаи интернатура ба сардори Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Юсуфӣ С.Ҷ.) иҷозат дода мешавад, ки ҳангоми

розигии роҳбарони муассисаҳои тиббӣ макони гузариши интернатураро иваз намояд.

5. Ректорони Муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (Гулзода М.Қ.) ва «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Муҳиддин Н.Д.) вазифадор карда шаванд, ки 20% маблағҳои интернаҳое, ки даври мазкурро ба таври шартномавӣ мегузаранд ба суратҳисоби муассисаҳои тиббие, ки интернатура дар заминаи онҳо мегузарад, гузаронанд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

ДУРУСТ